**аз 13.09.2017 №426**

«Оид ба нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки аз рӯи онҳо корхонаҳо ба руйхати андозсупорандагони калон дохил карда мешаванд»

Бо мақсади муқаррар кардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои дохил намудани корхонаҳо ба руйхати андозсупорандагони калон, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Нозироти андозсупорандагони калон ва таъмини назорати ичрои уҳдадориҳои андозии корхонаҳо, мутобиқ ба талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №456 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Корхонаҳо аз руи нишондиҳандаҳои иқтисодии зерин ба руйхати андозсупорандагони калон дохил карда мешаванд:

а). Даромади умумии солонаи андозсупорандагон (новобаста аз шакли моликият) аз ҳисоби таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо зиёда аз 5,0 млн. сомонӣ;

б). Маблағи умумии солонаи андозҳои ҳисобшуда зиёда аз 500,0 ҳазор сомонӣ;

в). Шумораи кормандони субъектҳои хоҷагидор зиёда аз 100 нафар (ба истиснои корхонаҳои ба хариду фуруш ва хизматрасонӣ машғул буда);

2. Андозсупорандагони ба фаъолияти истихроҷи сарватҳои табиӣ машғул буда (ба истисноси сарватҳои зеризаминии маъмулӣ) аз лаҳзаи ба даст овардани иҷозатнома оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, корхонаҳое, ки дар асоси Созишномаҳои сармоягузорӣ ташкил гардидаанд, корхонаҳои зертобеи КВД «Роҳи Оҳани Тоҷикистон» ва корхонаҳои зертобеи ШСХК «Барқи Тоҷик» аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба руйхати Нозироти андозсупорандагони калон дохил карда мешаванд.

3. Дар сурати аз се критерияҳои дар қисми 1 фармоиш қайд шуда, ба ду критерия мутобиқат намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии андозсупоранда, субъекти хоҷагидор ба руйхати Нозироти андозсупорандагони калон дохил карда мешавад.

4. Раёсати ташкили андозбандӣ дар якҷояги бо Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Раёсати хазматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии

андоз вазифадор карда шаванд, ки бо назардошти ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мутобиқ будани даромади умумӣ, андозҳои ҳисобшуда, шумораи умумии коргарони субъектҳои хоҷагидор ва талаботи банди 2 фармоиши мазкур, ҷиҳати ба руйхати корхонаҳои калон ворид намудани тағйиру иловаҳо, таклифҳо пешниҳод намоянд.

5. Амали Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2009, №253 «Оид ба нишондодҳои иқтисодие, ки аз рӯи онҳо корхонаҳо ба руйхати андозсупорандагони калон дохил карда мешаванд» бекор карда шавад.

6. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз ирсол намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зимаи Муовини аввали Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А. М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода